**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов,64/14 хиёбони Борбад 48/5), Тел: (992) 372310843**
**E-mail: faridullo72@mail.ru**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Автореферати диссертатсияи Холмаҳмадзода Искандар Холаҳмад ба яке аз масъалаҳои муҳими иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи муосир – пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба корхонаҳои кишоварзӣ бахшида шудааст. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, бар асари вобастагии баланди худ аз шароити табиӣ ва иқлимӣ, дар тафовут аз дигар соҳаҳои иқтисодиёт, аз ҷумла саноат ва савдо, даромаднокии баландро кафолат намедиҳад.

Автореферат моҳияти асосии диссертатсияро ифшо ва муҳтавои онро дар шакли фишурда ифода мекунад. Дар автореферат навгонӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои дар асоси он таҳияшуда ва дигар муқаррароти диссертатсия оварда шудаанд. Доир ба мавзуи таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр шудааст, ки ҷиҳатҳои асосии диссертатсияро дар бар мегиранд. Аз автореферат бармеояд, ки ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва коркардҳои амалӣ вобаста ба мавзуъ пурра ва мукаммал мебошанд.

Тавсияҳои пешниҳодшуда (саҳ. 35-40) дақиқ ва асоснок буда, ба беҳбудии воқеии механизмҳои ташаккул ва амалкунии низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ нигаронида шудаанд. Махсусан тавсияҳо оид ба пешниҳоди қарз ба корхонаҳои кишоварзӣ, бонкҳо бояд муҳлат, меъёри фоиз, таъмини кафолат, суғурта, барои қарзҳои дарозмуҳлат, пешниҳоди кафолат ҷиҳати коҳиши хавфҳои бонкӣ, таносуби фоизҳои қарзи кишоварзӣ ва сатҳи даромаднокии корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ, маблағи қарз бояд танҳо дар асоси истифодаи

ҳадафнок, миқёси корхона ва вазъи молиявии қарзгиранда саривақтӣ ва муфид мебошанд.

Аҳамияти назариявӣ дар рушди ақидаҳо оид ба моҳият ва вазифаҳои қарзҳои имтиёзнок дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст. Аҳамияти амалии таҳқиқот хеле баланд аст, зеро тавсияҳои муаллиф метавонанд аз ҷониби муассисаҳои молиявӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ таввасути пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок истифода шаванд.

Ҳамин тариқ, ҷиҳатҳои арзишманди таҳқиқот зиёд мебошанд, ки дар автореферат маълумоти мухтасар дар бораи онҳо оварда шудааст. Бо вуҷуди ин агар муаллиф дар таҳқиқот ба якчанд нуктаҳо диққат медод, арзиши илмию амалии он бештар мегардид:

1. Аксарияти ҷадвалҳои таҳлили дар автореферат ҷой дода шуда, нисбати соли гузашта таҳлилҳои қиёсӣ нашуда аст;

2. Муаллиф дар боби дуюм, навгонии сеюм зикр мекунад, ки таҷрибаи хориҷиро омӯхта, имконияти мутобиқсозии онро ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кардааст. Аммо, дар автореферат мисолҳои мушаххаси мутобиқсозӣ (масалан, кадом воситаҳо, кадом усулҳо ва ба кадом корхонаҳо) оварда нашудаанд.

Вале, эродҳои мазкур тавсиявӣ буда, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ метавонад онҳоро дар таҳқиқоти минбаъдаи худ ба инобат гирад.

Хулосаи умумӣ аз омӯзиши муҳтавои автореферат чунин аст, ки диссертатсия дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад, барои сазовор донистан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда
Доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи таҳлили иқтисоди
ва аудити Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Собирзода Ш.С

Имзои Собирзода Ш.С-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Наҷмудинзода М.Ш